*Ба истиқболи 650-солагии таваллуди Ҳофизи Шерозӣ*

*«Маориф ва маданият»,*
*No 95 (4185), 13 августи 1970, с. 4.*

**Дар базми Ҳофиз ва Гӯте**
**Муҳаммад Ҳиҷозӣ**

Девони шарқии Гӯте моро ба дилкаштарин базмҳо фаро мехонад - базме, ки аз Шарқу Ғарб ду офтоб бароянд ва бар ҳам битобанд ва чун ду ҷоми шароб дарҳам биёмезанд. Базми ошиқони ҳақиқат, ки водии ишқро дар ҷони якдигар мепаймоянд ва ҳамнаво мастӣ мекунанду нағма месозанд.

Чи созу сӯҳбати оламгире ки ҳарчи фарози замон бо худ бибарад аз шӯр намеафтад!

Дар ин девон орзуи дерини мо бар омада, ду шоире малакутӣ дар як базм ба ҳам омехтаанд. Оре, шоирони осмонӣ дар замин ҳам метавонанд аз як паймона бинӯшанд ва аз маи равони якдигар сархуш бошанд.

Онон, ки бо ҳам намесозанд, ҳанӯз созу навошон пухтаву комил нест. Шоирон, ки раҳравон Каъбаи зебоиву некианд, ин тариқи пурхатарро ҷуз ба ҳиммату нури якдигар наметавонанд бурид. Онҳо, ки бо ҳам дар ситезанд, роҳ гум кардаанд. Ҷамоли Каъбаро ба чашми дил надидаанд ва ишқу талаб надоранд. Ба забон шеър мегӯянд, аммо ба маърифату истиғно нарасидаанд ва чун пойбанди худанд, аз шавқи озодагию тавфиқи некбинӣ, аз ин даргоҳ бенасиб хоҳанд рафт.

Он, ки маҳву маҷзуби зебоӣ аст, «ман»-у «мо»-ро намебинад, ҷуз зебоӣ намехоҳад ва ба ғайри некӣ намеҷӯяд, аз Ғарб ба Шарқ, аз замин ба осмон ба дунболи ҳарчи неку зебост, сар аз по намешиносад. Ҳама ҷо лутфу хубӣ мебинад, то ба мақсад бирасад. Вақте расид, худро мегузорад ва таслими маъшуқ мешавад ва бепардаву парвои расвоӣ нолаҳои дар сина фушурдаро сар медиҳад.

Шоири олмонӣ, ки ҷаҳони илму ҳикматро мегашту ганҷинаҳо меандӯхт ва ҳамчунон нолаву ҳайрон дар паи манзур пӯён буд, ногаҳон ба Ҳофиз мерасад ва чашми дилаш аз фурӯғи умед бино мешавад. Аз асри саркаши

ному хештанбинӣ ба зер меояд ва дар пои пири тариқат меафтад ва ҷаҳонро аз салои ошиқиву муридӣ пурово мекунад.

Тарҷима хоҳ бо нақшу нигор ва ё соддаву беранг; бурқаест, ки бар вай арӯси сухан кашида бошанд. Шоири олмонӣ каломи Ҳофизро барои ин ҳиҷоб дида ва дил бохта. Эй кош, дилдорро бепарда дида буд…

Бечора ошиқ аз чашм ба ҷуз гӯшае ва аз абрӯ ишорае ва аз баногӯшу даҳон ба ғайр аз нуктаву нуқтае надида…

Аммо диламон ба ҳоли ошиқ месӯзад. Лӯъбати хаёл ҳамеша қашангтару дилработар аз дилбарест, ки дар чашм нишаста бошад. Гӯте бо он чанд латифа, ки аз сабоҳати ёр дарёфт, маҳбуби худро ончунон дар замир некӯ сохта, ки ба васфу ҳадис дарнамеояд.

Оре, хусну афсуни санъати Ҳофиз дар хотири шоири олмонӣ на он аст, ки моро масту масхур мекунад, балки сохтаи завқи осмонии худи ӯст.

Он чи шоири бегонаро мафтуни сухансарои форсӣ кард, рӯҳи ирфонист, ки ин ду нобиғаро бар болҳои худ баргирифта ва дар авҷи афлок бардошта.

Агар давре Ховар аз Бохтар ва садҳо сол даври фалаку ихтилофи замону макон ва одоту малакот ва маълумот ва ҳазору сад монеъ ин ду шоирро аз ҳама ҷудо мекунад, нидои осмонӣ дар гӯши ин ҳар ду ба як нағма дар танин аст, ҳар ду ташнаи ҳақиқатанд.

Халқи ҷаҳон чун қатроти хеле ошуфта аз сарчашмаи рамзноки хилқат берун мераванд ва ситези он ба дарёи нестӣ фурӯ мераванд.

Дар ин миён бархе ба ин забунӣ ва сарнавишти ом тан намедиҳанд ва аз замин ба осмон сууд мекунанд, мераванд то ба ҳақиқат бирасанд, машҳудоти мубҳами моддӣ, ки ҳамчу асбоби бозӣ кӯдакони зоҳирбинро хушу розӣ мекунад, ба дардашон намехӯрад.

Рамзи ин санъату хилқатро меҷӯянд ва он ҳақиқату ҳолатеро мехоҳанд, ки дили доноро аз ин саргаштагӣ оромӣ бахшад, яъне, дунёеро, ки дар он ранҷу андӯҳи торикиву ошуфтагӣ набошад.

Агар ин ҷазбаву ҳол ҷуз хаёли парешону ҳавасе беш набуд, дар ин ҳама бузургону баргузидагони гузашта ва ҳозира дар иқлими мухталиф, ҳама ҷо ба як сурату аҳвол зоҳир намешуд.

Ин ошиқи ҳақиқат ба ғайри ин орзу ва берун аз ин таҷассус ва такопӯ ғояту маъное барои зиндагонӣ намебинанд ва ба аволими одӣ ва он чи ҳамаро машғул мекунад, хушу нохуш намешаванд.

Ононе, ки бад ин парда роҳ надоранд, аз лаззати шурби мудоми ошиқ бехабаранд ва бар ӯ хӯрда мегиранд намедонанд, ки инсони гирифтор ҳам метавонад бори сангини ҷисмро лоақал чанд лаҳза замин бигузорад ва дар ҷамоли осмони некиву ҳақиқати мутлақ маҳв шавад ва ба саодати бемеҳнат ва ҷамоли матлаб бирасад.

Ва мардони ин сафар бар аҳволи якдигар огоҳанд, ба як нағма ҳамаро мешиносанд ва забону нигоҳу нишону рамзии ҳамдигарро мефаҳманд. Дар ин сайри ирфонӣ Гӯте ба ҳамрозу ҳамзабоне расида ва созу ҳамнавое пайдо кард. Оре, шуаро созу таронаи ин қофилаанд ва равандагонро дар ин роҳи сахт хушу сармаст мекунад.

Ҳар ду соз, ки ҳамкӯк шуд, аз овои яке дигаре ба наво меояд.

Чанги Ҳофиз бо арғунуни Гӯте ҷуфт омад ва торҳои ҷони соҳибдилонро ба шӯру ғавго даровард.

Вақте шоири шефта дар ишқи ҷамоли некиву ҳақиқат фано шуд, аз ин чашму гӯш, ки мо дорем, бегона мешавад. Дар осмони хаёл зебоиҳо мебинад ва аз сози фалак шӯрҳо мешунавад, ки ба забони башар дарнамеояд. Ин созу шӯр, ки мо аз шоири осмонӣ мешунавем, ба гӯши мо инъикоси дарҳаму мубҳам ва парокандае аз он аҳвол беш нест. Вале Гӯте худ дар он ҳол ва маҳрами асрор аст, аз ишорату нуктаҳо буридагиҳову фиғонҳо ва сукутҳои сози Ҳофиз дастгоҳҳои комил шунида, розҳои нухуфта дарёфт, ки дар шарҳу тафсири ҳеҷ гӯянда ва орифе надида вагарна, бегумон шоири донои ғарбӣ аз кирдору гуфтори бузургони сӯфии Шарқу Ғарб бохабар буда ва аз равиши содиқонаи тариқат, ки батафсил овардаанд, вуқуфи кофӣ дошта.

Шоири олим, ки бо дили осмонгард ва фориғ аз банди илму далелҳо ақле пойбанди мантиқу дониш дошта, дарунаш аз чанги ин ду хаставу фарсуда буда, ногаҳон ҳалли муаммои худро ба дасти Ҳофизи мо мебинад, ки ақлро рами дил карда ва дилро ба оини ақл даровардa, ба сулҳи дарунӣ ва оромиш расида.

Таслими уламо ба бошуурии табиат ва инкоре, ки аз мушоҳидату кашфиёт ва орзуҳои дил доранд. Гӯтеро қонеъ намекарда ва низ радди ақлро, ки дилпарастон мекунанд, намеписандида, танҳо Ҳофизро мебинад, ки аз роҳи ақл саодати дилро таъмин карда, ба ҳидояти дил ақлро ба айшу оромиш расонда.

Пас аз он фиғони ваҳшатнок:

*«Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо»* мешунавад:

*«Сабр кун, Ҳофиз, ба сахтӣ рӯзу шаб, оқибат рӯзе биёбӣ комро».*

Ӯ ҳам сабр мекунад ва ҳама ҷо ба дунболи Ҳофиз меравад ва марҳилаҳои камоли пири тариқро пайравӣ дорад, то рӯзе мужда меёбад, ки:

*«Дӯш, вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,*
*В-андар он зулмат шаб оби ҳаётам доданд...»,*

То он ҷо, ки сурӯши ғайбӣ ба гӯшаш фаро мерасад, ки:

«*Мо шохи дарахтем пур аз меваи тавҳид*
*Ҳар раҳгузаре санг занад, бок надорем».*

Дар тӯли ин роҳи камол ҳеҷ манзиле набуда, ки Ҳофиз дар торикии мавҳумот гирифтор ва аз нури ақл маҳрум бошад, ё замоне нашуда, ки аз бори дил ба дар ояд ва ба коргоҳи берӯҳи ақл бияфтад.

Орифи ғарбии мо, ки дили беақлро девона мехонад ва ақли бедилро мояи шармсорӣ медонад, аз улфату ёрии ин ду гавҳари хирад дар вуҷуди Ҳофиз завқе кашф ва висол ёфта, чун худ шоир ва санъаткор аст ва рӯҳе шефтаи ҳунару зебоӣ дорад, аз ҳилоли бурқае, ки ба рӯи санъати Ҳофиз кашида, ин ҳама ҷамолро ба илҳоми шоирӣ дарёфта, масту мафтун ва мурид шуда ва ҳамчу созе, ки сози мувофиқ бишнавад, ба шӯру наво даромадааст.

То роҳи осмон боз аст, ин ҳамнавоӣ ва ҳамроҳӣ баҷост ва ҳамвора равони зиндаи ин ду шоири ориф дар сӯҳбату ишрат хоҳанд буд. Агар бигӯед, равони зинда сурати зебои орзуи мо ва ҷумлаи шоиронае беш нест, агар бигӯед, пас аз вайронии тан зиндагии рӯҳ ба поён мерасад, чӣ ҷавоб бигӯям? Аммо мегӯям ва шумо ҳам мепазиред, ки осори вуҷудии ҳеҷ мавҷуде маъдум намешавад. Ин нур, ки ҳазорон ҳазор сол аст аз ситорагон дар омада, ҳанӯз дар тобиш аст ва пас аз вайронии он ахтарон то абад бар ҷаҳон хоҳад тобид. Ин садо, ки имрӯз метавон ба банд гирифт ва нигоҳ дошт, мавҷест, ки пайваста дар фазои бемунтаҳо шиновар хоҳад шуд.

Ҳар фикр ва тасаввуре, ки дар ниҳоди мо нақш мебандад, дар оинаи абадият меафтад ва ҳаргиз маҳв намешавад: яъне, ҳар мавҷуде, ки ба ҷаҳон

меояд, ҳамчу санге, ки дар уқёнуси бекарони вуҷуд афтода бошад, мавҷҳо падид меоварад, ки то дунё ҳаст, густурда хоҳад шуд, яъне, ҳеҷ буда нобуд намешавад ва албатта, рӯзе хоҳад расид, ки будаҳоро ба доми дониш гирифт ва шояд мавҷуди рафтаеро дубора бозовард.

Фароз ва орзу, ки маҳол нест, чаро набинам, ки ин ду ситораи дурахшон дар авҷи фалак ба ҳам расида ва якдигарро дар оғӯш кашида бошанд, аз ҳолу рӯзгор ва моҷарои сафарҳои улвии якдигар бипурсанд ва висол бигиранду аз шодӣ бихананд ва сурудхонон базме ба по кунанд, ки афлокиён аз шавқу нишот сар аз по нашиносанд ва ҷомаи шикеб ба тан бидаранд?!.

Вақте оташи шавқ забон фурӯ кашид, Гӯте бо чашме чун дидагони ошиқи ниёзолуд менозад, кӣ: Эй арғунуни осмон, эй боғи биҳишт, эй чашмаи ишқ, эй раҳбари гумшудагон, эй дастгири афтодагон, ман ба қадри ҳиммат аз хирмани эҳсони ту чидам ва аз манбаи хоки дарат оби ҳаёт нӯшидам, аммо ба сафои дил савганд, ки то ҳастам ба дидорат орзуманд ва ба ҳадисе аз он ганҷи ҳикмат ниёзманд хоҳам буд. Бар ман нуктае бияфшон, ки аз он беҳӣ зояд ва хушӣ ба борояд.

Ҳофиз бо чеҳрае аз шарми хубӣ чун моҳи фурӯтан забони муҳаббат мекушояд, ки: Эй фарзанди арҷманд, ману ту аз як ҷом паймуда ва ба як созу шӯр парвардаем. Аммо чун ман пеш аз ту ба ин ҷо расида ва дар осмонҳо бештар гаштаам, дареғ нест, ки аз он чи дида ва санҷидаам, бо ту ҳикоят кунам. Ин сақфу сутуни арши баланд андешаву орзуи некист, ки дар ниҳоди башар сиришта, ин биҳишти сафову оромиш ҳама кору киштаи хубон ва ин осмони рахшанда, ки ҳама моҳу хуршед дар он ҷо гирифта, дили покон аст. Вале на танҳо некон дар осмонанд, балки дар ҳар дили нек, ҳар куҷо бошад, осмон бо ин ҳама зебоиву сафо фурӯ меояд, то рӯзе, ки аҳли олам ҳама чароғи некиро, ки дар дил доранд, бияфрӯзанд ва замину осмонро яке кунанд.

Давои дардҳо ҳама некӣ аст, ҳар чи инсоне барои хушӣ ва осудагии худ бияндешад ва омода кунад, агар бо накӯӣ омехта набошад, ҳоҷату дардест, ки бар дардҳои худ афзудааст.

Ошиқ агар нек набошад душмани маъшуқ аст ва ҳоким агар нек набошад, гурги гӯсфандон аст. Ба манзили саодат ҷуз аз роҳи раҳму эҳсон нишоне нест. Онон, ки ба роҳи ситаму бедод мераванд, гумроҳанд ва ҷуз ба сиёҳ ба ҷое нахоҳанд расид. Чаро ки аз ситам ба ғайри ситам намезояд ва аз рӯзи ҷафову ҷавр хушбахтиву осоиш ба даст намеояд.

Афлокиён аз ин ҳасрат дар табу тобанд, ки чаро ҳанӯз некӣ заминро фаро нагирифта, чаро ҳанӯз намедонанд, ки бояд некии мутлақро бар худ фармонраво кунанд, то биёсоянд. Эй афсӯс, ки метарсам бори гуноҳи онон, ки забону қалам доранд ва бародарони худро ба бадбиниву бадхоҳӣ ва сахткашӣ раҳбарӣ мекунанд аз ҳар исёне гаронтар бошад…

Оҳу фиғони Гӯте бархост, ки: Эй пири тариқат, эй муроду раҳнамои некон, маро бубахш, ки гуноҳам сангин аст. Вертери ман (муаллиф қаҳрамони романи «Нокомиҳои Вертери ҷавон»-и Гӯтаро дар назар дорад) намебоистӣ аз хештанпарастӣ худро кушта ва маъшуқро ба доми бало гирифтор карда бошад. Оваҳ ки чаро ошиқ он чунон нек набувад, то бори ғамро ба неруи некӣ танҳо бибарад ва бар дили маъшуқ ғуборе нагузорад.

Оре, ошиқ агар нек набошад, душмани маъшуқ аст…

Ҳофизи рӯҳонӣ бо чашми гирёну лаби хандон гуфт: Эй ёри ҷонӣ, ташвиш макун, ки сафои биҳишт аз хорӣ баҳам намехӯрад.

**Ҳозиркунандаи ҳикоят**
**Р. ҚУБОДИЕНИ.**